***УДК 94 (3)***
***ББК 63.3 (5 Ирон)***

# *ЗАВОЛИ СУЛОЛАИ САФАВИЁН ВА БА САРИ ҲОКИМИЯТ ОМАДАНИ НОДИРШОҲИ АФШОР*

***Назаров Довуд Алиевич,***
*сармутахассиси хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф (Тоҷикистон, Душанбе)*

# *ЗАКАТ ДИНАСТИИ СЕФЕВИДОВ И ПРИХОД К ВЛАСТИ НАДИР-ШАХА АФШАРА*

***Назаров Довуд Алиевич,***
*ведущий специалист государственной службы надзора в области образования (Таджикистан, Душанбе)*

# *DECLINE OF SEFEVIDS` DYNASTY AND RISING TO POWER OF NODIRSHOKHI AFSHOR*

***Nazarov Dovud Aliyevich,***
*chief expert of the Statal Service on Surveillance in the sphere of education (Tajikistan Republic, Dushanbe),*
***E-MAIL****:vestnik-tsulbp@mail.ru*

***Ключевые слова:*** *история Ирана, династия Сефевидов, падение Сефевидов, приход к власти Афшаридов, военно-политическая ситуация, Хорасан, Средняя Азия, первая половина XVIII в.*

*Целью статьи является показ истории смены правящей династии в Иране в первой половине XVIII века. В работе раскрыта сложная история Ирана, и в особенности Хорасана исследуемого периода, когда произошли важные военно-политические события, связанные с падением династиии Сефевидов и приходом к власти представителя племени Афшаридов – Надир-шаха. Автор статьи, используя письменные источники, всесторонне обобщил кризисные явления, феодальные и религиозные распри, которые происходили при последних правителях-Сефевидах, раскрыл причины и последствия нашествия афганцев и османских тюрков на территорию Ирана, проанализировал геополитические интересы России в Прикаспийском регионе, всесоронне обобщил сведения о борьбе иранского народа против иноземных захватчиков. В статье особое внимание уделено вопросам политической борьбы за центральную власть в Иране.*

***Key words:*** *history of Iran, Sefevids` dynasty, decline of Sefevids, rising to power of Afsharids, military-political situation, Khoroson, Central Asia, the first half of the XVIII-th century*

*The author highlights the history of changes which took place within the ruling dynasty in Iran in the first half of the XVIII-th century. In his article the author discloses the complicated history of Iran; in particular, Khuroson referring to the period in question when an important military-political events connected with the decline of the dynasty of the Sefevids took place and rising to power of the representative of the tribe of Afsharids – Nodirshakh. Resorting to written sources he summarizes comprehensively crisis phenomena, feudal and religious dissensions which took place under the last governors of the Sefevids. The author reveals reasons and consequences of Afghans` and Ottoman Turks` innovasion into Turbs invasijn the territory of Iran. D. Nazarov analyzes geopolitical interests of Russia in the coastal region of Caspiy; he summarizes the information concerned with the struggle of the Iranian people against foreigner invaders. Special attention is paid to the issues of political struggle for central power in Iran.*

Сафавиён аз давлатҳои феодалии Эрон ба шумор рафта, аз ибтидои асри XVI то охири чоряки аввали асри XVIII дар ҳудудҳои Эрон, Озарбойҷон ва Арманистон ҳукмронӣ кардаанд. Тамоми заминҳои қаламрави давлатро шоҳ дар ихтиёри худ дошт.

Сиёсати шоҳони сафавӣ ба таҳкими ҳукумати марказӣ ва мубориза бар зидди нифоқҳои феодалӣ равона гардида, давлат дар замони шоҳ Аббоси I муваффақиятҳои фавқулодаи бузургеро ба даст овард. Фишори бераҳмонаи шоҳ нисбат ба ашрофи муқтадири феодалӣ-низомии қабилаҳои қизилбош ба хотима додани балвоҳои муқаррарии феодалҳо оварда расонид ва шароити нисбатан мусоидро барои тавсеаи иқтисодӣ фароҳам овард.

Вазъияти бӯҳронии давлати Сафавӣ аз замони ҳукмронии шоҳ Сулаймон (1666-1694) оғоз гардид ва ин ҷараён дар замони шоҳ Султон Ҳусайни Сафавӣ (1694 — 1722) авҷ гирифт. Суқути давлати Сафавӣ аз зиддиятҳои дохилии табақаи феодал ва рӯ гардонидани қисме аз онҳо аз шоҳони сафавӣ вобастагӣ дошт.

Ашрофони маҳаллии сарзаминҳои тасхиршуда ва вассалӣ монанди Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон ба сафи мухолифон пайвастанд (1, с.52).

Ҳатто рӯҳониёни суннимазҳаби Озарбойҷон, Афғонистон ва дигар ҷойҳо бар зидди Сафавиён бархестанд. Таъқиби сунниён сабаби норизоии онҳо шуд. Дар шароити зулму ситами мазҳабӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ феодалҳои Арманистон, Доғистон, Гурҷистон, Қарабоғи Шарвон ва Афғонистон ба муборизоти истиқлолхоҳонаи халқ ҳамроҳ мешуданд.

Оид ба инқирози давлати Сафавиён Дурӣ Афандӣ сафири султонии Туркияи Усмонӣ дар Эрон соли 1720 ҳангоми бозгашт ба ватанаш гузориш дода мегӯяд: «Давлате, ки замоне «шукуфону obод» буд, акнун умраш наздик ба поён аст» (5, с.51).

Яке аз музофотҳои шарқии давлати Сафавиён шаҳри Қандаҳор буда, он аз аввалинҳо шуда, аз ҳайати давлати Сафавиён баромад. Дар ин маҳал соли 1709 яке аз нерӯмандтарин қабилаи афғон, қабилаи ғилзой шӯриш бардошт. Дар натиҷаи ин шӯриш Қандаҳор аз давлати Сафавиён ҷудо гардид ва дар соли 1717 амир Маҳмуд ҳокими он ҷо шуд. Дар охири соли 1721 ғилзоиён, ки гурӯҳҳои ҷудогонаи қабилаҳои дигари афғон ба онҳо пайваста буданд, дар якҷоягӣ бо қабилаҳои ғайриафғон бо сарварии Мир Маҳмуд ба самти ғарб лашкар кашиданд. Моҳи марти соли 1722 онҳо пойтахти давлати Сафавиён шаҳри Исфаҳонро муҳосира намуданд. Дар натиҷа, санаи 22 октябри ҳамон сол шоҳ Султон Ҳусайн ба урдуи амир Маҳмуд омада, мағлубияти худро эътироф намуд. Инчунин, тоҷи шоҳиро ба сари Маҳмуд гузошт. Аз он замон афғонон дар Форс ва Кирмону Ироқи Аҷам паҳн шуданд.

Дар Астаробод амалан Фатҳалихони Қоҷор ҳукумати мустақил дошт. Ин феодали муқтадир ба Таҳмосп Мирзо, писари шоҳ Султон Ҳусайни Сафавӣ (июни соли 1722), ки аз муҳосираи Исфаҳон гурехта буд, паноҳгоҳ дод. Пас аз он ки амир Маҳмуд Исфаҳонро тасарруф намуд, Таҳмосп Мирзо худро шоҳи Эрон эълон намуд.

Дар давоми панҷ соли баъди аз даст рафтани қудрати сиёсии шоҳ Султон Ҳусайни Сафавӣ дар ин минтақа сиёсати хориҷии Туркия ва Русия фаъол гардид. Чӣ тавре, ки академик В.В.Бартолд таъкид мекунад: «Туркияи Усмонӣ аз заволи ҳокимияти форсҳо истифода бурда, мехост бархе аз вилоятҳоро забт намояд ва чун дар асри XVI ҳокимияти худро барпо намояд» (2, с. 762).

Туркияи Усмонӣ кӯшиш менамуд ҳукмронии худро дар Шарвон ва минтақаҳои дигаре, ки аз давлати Сафавиён ҷудо шуда буданд, мустаҳкам созад.

Русия низ мавқеи худро дар минтақаи назди Каспӣ пурзӯр намуд. Дар он вақт Пётри I ба Эрон лашкар кашид. Қушуни Русия моҳи сентябри соли 1722 Дарбанд ва

соли 1723 Бокуро ишғол кард. Туркҳо бошанд баҳори соли 1723 Тифлисро гирифтанд. Ин вазъият шоҳ Таҳмоспро маҷбур мекард, ки бо Русия наздик шавад. Тибқи қарордоде, ки байни давлати Сафавӣ ва Русия баста шуд (сентябри соли 1723) Русия ваъда дод, ки дар ҷанг бар зидди афғонон ба Таҳмосп ёрӣ мерасонад. Бар ивази ин, шоҳ Таҳмосп мулкҳои забтнамудаи Русияро эътироф намуда, Гелон, Мозандарон, Астарободро ба ихтиёри Русия вогузошт. Русия ваъда дод, ки Эронро дар мубориза алайҳи қувваҳои марказгурези дохилӣ, таҷовузи афғонҳо ва туркҳо ҷонибдорӣ мекунад (3, с.78, 80-81). Аммо қӯшуни Русия танҳо бо ишғоли Гелон қонеъ гардид.

Лашкаркашии Пётри I ба Эрон ва қарордоди соли 1723 муносибати Туркияро бо Русия тезутунд намуд. Бо вуҷуди ин, моҳи июни соли 1724 миёни Русия ва Туркия қарордод баста шуд. Султони турк он заминҳое, ки Русия тибқи қарордоди соли 1723 ба даст оварда буд, эътироф намуд ва Русия низ Кавказ ва шимолу ғарбии Эронро ҷузъи таркибии Туркия донист. Вобаста ба ин қарордод қӯшуни султони Усмонӣ тамоми шимолу ғарбии Эрон, Озорбойҷон, Курдистон ва ҳатто бархе иёлот (Қазвин, Ардабил)-ро, ки дар қарордоди пешина набуд, ишғол намуд (1, с.57).

Ишғолгарони турку афғон ба Эрон харобиҳои зиёде овrouted оварданд. Муноқишаҳои байнихудии феодалони маҳаллӣ низ ба вазъияти иқтисодии ин давлат таъсири манфӣ расонид. Дар ин давр афғонони ғосиб дар миёни мардум такягоҳе надоштанд. Чӣ кӯшишҳои Мир Маҳмуд ва чӣ кӯшишҳои ҷонишин ва писарамаки ӯ Мир Ашраф (соли 1725 баъди кушта шудани Мир Маҳмуд ба сари қудрат омадааст) барои ҷалби ҳимояи маъмурони давлат ва ашрофи қабилаҳои чодарнишин натавонистанд муваффақият ба даст оваранд. Ҳамчунин, шоҳони афғон натавонистанд тоҷирони эрониро (ба ҷуз зардуштиҳо) ба тарафи худ ҷалб кунанд. Шоҳони афғон маҷбур буданд, ки фақат ба қӯшуни худ такя кунанд. Ҳукумати афғонон дар Эрон бо истибдоди зулму зӯрӣ ба роҳ монда шуда буд. Ин ҳукумат танҳо бо фишору зӯроварӣ мавқеи худро нигоҳ медошт.

Ишғолгарони афғон таҳти сарварии Мир Ашраф маҷбур буданд, аз як сӯ бо шоҳ Таҳмосп ва Фатҳалихони Қоҷор (ҳокими Астаробод) ва, аз тарафи дигар, бо қӯшуни Русия дар Гелон ва ишғолгарони Туркия низову кашмакаш намоянд.

Мир Ашраф дар ҷанг бо русҳо шикаст хӯрд. Инчунин тазйиқи Туркияи Усмонӣ торафт вусъат меёфт. Дар натиҷа, тибқи қарордоди 13 октябри соли 1727 Мир Ашрафи афғон ҳукумати султони Усмониро дар Озарбойҷон, Курдистон, Хузистон ва қисмате аз Эрони марказӣ ба расмият шинохт. Ин шикастҳо аз заифии қӯшуни афғонон гувоҳӣ медод ва заминаро барои талоши баъдии он омода менамуд. Дар замони ҳукмронии Мир Ашраф дар натиҷаи ихтилофи ғилзоиёни қандаҳорӣ ва афғонони дар Эрон мустақар буда, нерӯи низомии афғонон хеле заиф гардид. Мир Ашрафро дар қатли Маҳмуд, бародари Ҳусейнхон, ҳокими Қандаҳор муттаҳам карданд.

Инчунин, ба суст гаштани мавқеи афғонон дар Эрон муборизаҳои озодихоҳонаи гурӯҳҳои васеъ, шӯришҳои пай дар пайи халқӣ, чӣ кишоварзон ва чӣ аҳолии шаҳрҳо сабаб шуданд.

Халқи Эрон ватани худро дар мубориза ба муқобили ишғолгарони бегона дифоъ мекард. Оид ба масъала Шайх Муҳаммад Алии Ҳазин мегӯяд: «Бисёр тааҷҷубовар аст, ки бархе қароъа дар арзи 7 соли фармонравоии афғонон мартабан барои истиқлоли худ мубориза мекунанд ва бо вуҷуди он ҳама кӯшишҳои ишғолгарони афғон мардум ҳаргиз ба онон таслим нашуданд. Ба таври куллӣ афғонон ҳарчанд пирӯзиҳое ба даст оваранд, вале ҳаргиз оромиш надоштанд ва пайваста дар ваҳшати ҳуҷуми раъоё буданд (9, с.126).

Сарчашмаҳои хаттӣ далолат медиҳанд: қабл аз он, ки табақаи феодалони Эрон муборизаро бар зидди ишғолгарони бегона оғоз намоянд, мардуми одӣ мустақилона ба мубориза зидди аҷнабиён пардохтанд. Муборизаи халқ ғолибан дар либоси «иддаоҳои дурӯғӣ» зоҳир мешуд (6. с.129). Масалан, дар миёни бахтиёриён шахсе бо номи Сайид Ҳусайн иддао кард, ки бародари шоҳ Султон Ҳусайн аст. Ӯ амалиёти худро дар минтақаи Исфаҳон оғоз кард. Сайид Ҳусайн дар ҷанг бо афғонон кушта шуд ва қӯшунаш торумор гардид. Ҷунбиши дигари зиддиафғонӣ бо номи Маҳдии дуруғин ва ҳаракати дигар бошад ба номи Саид Аҳмад Ҳамроҳ ба вуқӯъ пайваст. Сайид Аҳмад соли 1727 худро шоҳ хонд ва феодалону аъёну ашроф ба номи ӯ ҳам хутба хонда, сикка заданд. Ӯ бо афғонон задухӯрдҳои зиёд намуд, натавонист Табрез, Кирмон ва Доробро тасарруф кунад, дар Шероз бо нокомиҳо рӯ ба рӯ шуд. Ӯ дар қалъаи Ҳасанобод ба муҳосираи қӯшуни сеҳазораи Мир Ашраф афтода, асир гардид ва дар Исфаҳон ба қатл расонида шуд.

Дар ҳамон замон Сӯфӣ Мирзо ном шахс низ худро писари шоҳ Султон Ҳусайн хонда, бахтиёриҳоро ба мубориза бар зидди асоратгарони турку афғон даъват намуд. Қариб 20 000 нафар ҷамъ кард. Ӯ Шуштар, кӯҳи Гелуя, Хурамобод ва дигар шаҳрҳоро тасарруф кард ва сипас худро шоҳ хонд. Фаъолиятҳои Сӯфӣ Мирзо Нодирқулиро ба ташвиш овард. Нодирқулӣ номае ба хони бахтиёрии кӯҳи Гелуя навишт ва ёдовар шуд, ки иддаои Сӯфӣ Мирзо дурӯғ аст. Хонҳои бахтиёрӣ аз тавсеаи ин ҳаракат ба ҳарос афтоданд ва ӯро ба қатл расониданд.

Шахсе бо номи Шомил Кором, ки бо тоҷирӣ машғул буд, худро бародари шоҳ Султон Ҳусайн эълон намуда, зидди афғонҳо дар соҳили халиҷи Уммон ва Балуҷистон амалиётҳои ҷангӣ бурд. Дар Балуҷистон Шомил Кором огаҳӣ ёфт, ки Мир Ашраф қӯшуни нисбатан бузурге барои саркӯб намудани ӯ фиристодааст, маҷбур шуд, ки ба Ҳиндустон фирор намояд.

Аз муборизаи фаъоли халқҳои Эрон бар зидди ишғолгарон Нодирқулихон (Нодиршоҳ) - намояндаи авлоди қарқулуи қабилаи афшор истифода бурд. Нодирқулӣ дар ибтидои даҳаи сеюми қарни XVIII дар Хуросон ба хидмати қӯшуни Бобоалибек (ҳокими Абевард) медарояд. Дере нагузашта сарварии қӯшунро ба ихтиёри худ гирифт. Мулкҳои Калот, Дастҷурду Абевард ба итоати ӯ даромаданд. Аммо ӯ натавонист ҳукумати худро дар Хуросон тавсеа бахшад, зеро яке аз муқтадиртарин феодалони он замон - Малик Маҳмуди каёнӣ (Сиистонӣ), ки дар тамоми Хуросон ва Сиистон нуфуз дошт, садди роҳи ӯ гардид. Дар масъалаи зери итоат даровардани Хуросон байни онҳо муборизаи шадид шурӯъ шуд. Кӯшиши Нодирқулӣ барои тасхири Машҳад, пойтахти Малик Маҳмуд бебарор анҷомид. Соли 1726 шоҳ Таҳмосп ва Фатҳалихони Қоҷор бо мақсади сарнагун намудани Малик Маҳмуд бо қӯшун ба Хуросон ворид шуданд. Аз мавриди қулай истифода бурда, Нодиркулӣ бо қӯшуни худ ба хидмати шоҳ Таҳмосп даромад. Ӯ бо ин роҳ мехост бо кӯмаки қӯшуни шоҳ дар мубориза бо Малик Маҳмуди Сиистонӣ пирӯзӣ ба даст орад.

Барои шоҳ Таҳмосп Нодирқулӣ бо сабабҳое зерин лозим буд: якум, аз он сабаб, ки қӯшуни ӯ артиши шоҳро тақвият мебахшид, дуюм ин ки шоҳ Таҳмосп мехост худро аз нуфузи Фатҳалихони Қоҷор муҳофизат намояд (1, с.61).

Ҳангоми муҳосираи Машҳад Фатҳалихон бо фармони шоҳ Таҳмосп кушта шуд (10, с.59). Баъди ин воқеа Нодирқулӣ фармондеҳи кулли қувваҳои мусаллаҳи шоҳ Таҳмосп шуд. Аммо тамоми намояндагони ашрофи қоҷор, ки наздикони Фатҳалихон буданд, дар мақомҳои собиқи худ боқӣ монданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки баъди ба қатл расидани Фатҳалихон шоҳ ва Нодирқулӣ бо нерӯи воқеии қоҷорҳо созиш карданд.

Баъд аз ин дар муддати кӯтоҳ Нодирқулӣ Машҳадро ишғол намуд. Аммо Малик Маҳмуди Сиистонӣ аз мубориза даст накашид. Ӯ муваффақ шуд қабилаҳоеро, ки дар атрофи Марв сукунат доштанд, ба мубориза зидди шоҳ Таҳмосп ва Нодирқулӣ барангезад. Аммо Малик Маҳмуд барои ба даст овардани ҳукумат муваффақ нагашт ва дар охир ӯ ба қатл расонида шуд.

Пас аз тасхири Машҳад ва саркӯбии Малик Маҳмуд эътибори Нодиркулӣ фавқулода боло рафт. Дар воқеъ Нодирқулӣ чӣ дар миёни қӯшун ва чӣ дар дастгоҳи ҳукумат ба сурати як шахсияти вафодор ва содиқ маъруф гардид. Аммо дере нагузашта зимистони соли 1727 байни Нодир ва шоҳ Таҳмосп ихтилоф ба миён омад. Лашкаркашиҳои бисёри Нодир ба Хабушон, Дараи Гуз, Марв, Мозандарон ва Астарободба ӯ имконият дод, ки қабилаҳои сершумори курду турки Хуросонро тасхир кунад ва тамоми шимоли ховари Эронро муттаҳид намояд. Муваффақиятҳои Нодир, подшоҳи афғон Мир Ашрафро сахт ба ташвиш овард. Мир Ашраф чанд пойгоҳи низомиро, ки дар Исфаҳон мустақар буданд, бар зидди Нодир ба Хуросон равона сохт. 30 сентябри соли 1729 дар набарде, ки дар соҳили рӯди Меҳмондӯст рух дод, Мир Ашраф мағлуб шуд. Мир Ашраф шитобон ба самти Теҳрону Исфаҳон ақибнишинӣ намуд. Бинобар сабаби қисмати зиёди нерӯҳои худро аз даст додан, аз қӯшуни султони Усмонӣ ёрӣ талабид. Набарди қатъӣ байни Мир Ашраф ва Нодир дар таърихи 13 ноябри соли 1729 дар Мурчихурт, 60 километрии Исфаҳон рух дод. Нодир дар мубориза бар зидди Мир Ашрафи афғон бори дуюм ғолиб омад. Афғонон муҳимот ва урдугоҳро дар майдони ҷанг ба ҷой ниҳода, ба самти Исфаҳон ва аз он ҷо ба самти шарқ фирор намуданд. Баъди се рӯз Нодир ба Исфаҳон ворид шуд ва Таҳмоспро ба тахти шоҳӣ шинонд. Яъне, Нодир тоҷи шоҳии Эронро бо дасти худ ба сари шоҳ Таҳмосп ниҳод. Нодир хуруҷи комили туркону афғононро ҳадафи асосии худ эълом намуд. Ӯ хуб мефаҳмид, ки танҳо ба воситаи мубориза бар зидди истилогарони бегона ба воситаи такя намудан ба халқ метавонад ҳаракати миллиро бедор намуда, мубориза барад. Аз ин сабаб, барои мубориза пирӯзмандона бо афғонону туркон лозим буд, ки ӯ аз ҳимояти афшор ва сайи мардуми кишвар бархурдор бошад.

Дар муддати кӯтоҳ дар зери парчами Нодирқулӣ ва шоҳ Таҳмосп ҳазорон ҳазор ватанпарастон гирд омаданд. Мардуми кишвар қӯшуни онҳоро фаъолона пуштибонӣ намуданд. Масалан, ҳангоме, ки Нодир ба лашкаркашии Исфаҳон шурӯъ намуд ва аҳолии он ҷо дар замони ҳуҷуми Мир Маҳмуд гурехта, дар кӯҳҳо паноҳ бурда, беозуқа монда буданд, ба назди қушун меомаданд ва барои онҳо озуқа меоварданд. Инчунин, қисми зиёди аҳолии Эрон бо хоҳиши худ ба шоҳ рӯй меоварданд. Мо метавонем чунин гуфтаҳоро дар асарҳои Фрезер (7, с.97), Шайх Ҳазин (6, с.177-178) ва дигарон мушоҳида намоем. Қӯшуни Нодирқулӣ ва шоҳ Таҳмосп аз ҳисоби оммаи халқи заҳматкаш рӯз ба рӯз зиёд шудан гирифт. Чуноне, ки аз гуфтаҳои сайёҳи Санкт - Петербург бар меояд, шоҳ Таҳмосп бо қӯшуни бисёр аз «3 000 нафар ва бо кӯмаки рустоиён» ба лашкаркашии Хуросон даст зад (1, с.64).

Вақте, ки кӯшуни афғон дар Исфаҳон қарор дошт, мардуми ҳар маҳал яроқ ба даст гирифта бар зидди афғонон ҳуҷум мекарданд. Оиди масъалаи мазкур Шайх Муҳаммад Алии Ҳазин хотирнишон менамояд, ки «дар тамоми тӯли роҳ ҳатто қурси ноне ба дасти онҳо (афғонҳо- Н.Д.) наяфтод». Ҷанговарони афғон маҷбур буданд, ки гӯшти хоми харон ва аспони худро бихӯранд, зеро ки мардуми ҳар маҳал ҳозир буданд ба афғонон ба маблағи гарон низ озуқа нафурӯшанд (9, с.183-184).

Ҳангоме, ки Мир Ашрафи афғон бародари худро аз Лор ба Басра баҳри дархости кӯмак аз султони Туркия фиристод, кишоварзони навоҳии атроф ба ӯ ҳамла намуда,

ӯро ба қатл расониданд ва ҷасадашро ба бародараш Ашраф фиристоданд. Ҳамлаҳои пай дар пайи кишоварзон ба боқимондаи қӯшуни афғонон боиси шикасти онҳо гардид (1, с.65).

Соли 1725 бар асари ҳамлаи қӯшуни Туркия ба Ҳамадон, ҳокими шаҳр ва қӯшун шаҳрро ба ҳоли худ гузошта, фирор намуданд. Дар натиҷа, мардум ба дифои шаҳри худ бархестанд ва қӯшуни туркҳо бо осонӣ натавонистанд шаҳрро ишғол намоянд. Муҳосираи шаҳр наздики 4 моҳ идома ёфт. Мардуми шаҳр ва кишоварзони атрофи он истодагарӣ ва қаҳрамонии фавқулода нишон доданд (9, с.137-138). Ҳокими Хурамобод низ ҳангоми наздик шудани қӯшуни турк фирор намуд, вале мардуми шаҳр намехостанд, ки ба ғосибони турк таслим шаванд, қисме аз мардум дар кӯҳҳои атроф пинҳон мешуданд. Чуноне, ки Шайх Муҳаммад Алии Ҳазин мегӯяд: «Агарчӣ туркҳо иёлоти зиёдеро, аз қабили Курдистон, Луристон ва ғайра ба тобеияти худ даровcovarданд, аммо кишоварзон намехостанд бо ҳукумати турк оштӣ кунанд ва дар муқобили онҳо ба сахтӣ муқовимат менамуданд. Масалан, дар шаҳри кӯчаки Баруҷурд дар ҷое, ки туркон ҳоким таъин карда ва подгон мустақар намуда буданд, «авомун нос» ва «бозориён» исён карданд ва наздик ба 4 000 ҷангҷӯи туркро нобуд намуданд. Ин исён саркӯб гардид ва ба мардум ғурумотбаста шуд» (9, с.65-66).

Аҳолии Табрез низ шаҳри худро қаҳрамонона мудофиа намуданд. Дар хиёбонҳои шаҳр муҳорибаи хунини тан ба тан сурат гирифтанд. Қувваҳо нобаробар буд. Туркҳо ба табрезиён иҷозат доданд, ки бо зану фарзанд ва як миқдори амвол шаҳрро тарк намоянд. Он гоҳ 5 000 нафар бо яроқу аслиҳа аз Табрез хориҷ шуданд. Ба гувоҳии шоҳид: «аз ҳангоме, ки ҷаҳон ба вуҷуд омад то кунун чунин диловарии бемонанде дар миёни сокинони шаҳрҳо на дар тан иттифоқ афтода» (9, с.106-130).

Ин мисолҳо аз он далолат медиҳанд, ки аҳолии шаҳрҳои Эрон алайҳи ғосибони турк мубориза бурданд ва нагузоштанд, ки туркон ҳокимияти худро дар қаламрави Эрон барқарор намоянд.

Пас аз берун рафтани қӯшуни афғонон аз мулки Эрон Нодирқулихон ба муборизаи зидди туркон шурӯъ намуд. Ин мубориза то охири соли 1735 давом кард ва ӯ тавонист турконро аз марзи Эрон берун кунад.

Соли 1732 Нодирқулихон аз норозигии мардуми кишвар ва нокомии Сафавиён дар ҷанги зидди Туркия истифода бурда, шоҳ Таҳмоспро аз тахт сарнагун намуд. Ба ҷои Тахмосп Аббоси сеюм, ки ҳамагӣ яксола буд, шоҳи Сафавиён эълон гардид. Аз сабаби хурдсолии шоҳ Нодирқулихон ноибуссалтана шуд ва фармонравои мутлақ гардид. Ӯ соли 1736 дар дашти Муғон дар анҷуман (шӯрои ашроф) ба номи Нодиршоҳ тоҷгузорӣ намуд (11, с.446-458), (10, с.266-269). Аббоси сеюми хурдсол соли 1740 якҷоя бо падараш ба қатл расонида мешавад.

Ҳамин тавр, дар қаламрави Эрон, аз ҷумла Хуросон ба сари қудрат Нодиршоҳи Афшор мебарояд ва баҳри бунёди давлати абарқудрат шурӯъ мекунад. Нодиршоҳ дар муддати кӯтоҳ тавонист қабилаҳои туркиро мутамарказ намояд, давлати воҳид бунёд кунад, иқтидори ҳарбии давлатро мустаҳкам намояд ва ихтилофҳои диниву мазҳабиро бартараф созад. Баъди ба сари қудрат омадан Нодиршоҳ ба лашкаркашиҳо шурӯъ намуд. Ӯ бо ин амал (фатҳи кишварҳо) мехост ғаниматҳои зиёди ҷангӣ ба даст биёрад, вазъи ҳаёти иқтисодиро беҳтар кунад, дороии табақаҳои ҳокимро афзун намояд ва бо ин роҳ обрӯву эътибори давлатро боло бардорад. Нодиршоҳ то андозае ба устуворӣ ва суботи мамлакат муваффақ гардид.

***Калидвожаҳо:*** *таърихи Эрон, сулолаи Сафавиён, таназзули давлати Сафавиён, ба сари қудрат омадани Афшориён, вазъи ҳарбиву сиёсии Хуросон, Осиёи Миёна дар нимаи аввали асри XVIII.*

**Пайнавишт:**

1. Арунова М.Р., Ашрафян К.З. Государство Надир-шаха Афшара. Очерки общественных отношений в Иране 30-40-х годов XVIII века. - М., 1958. - 283 с.
2. Бартольд В.В. Место прикаспийских областей в истории мусульманского мира / Соч. - М., 1963. - Т.2. - Ч.1. – С. 651-772.
3. Гаджиев В.Г. Петербургский договор 1723 г. // Русско-дагестанские взаимоотношения в XVI - начале XX в. Темат.сб. - Махачкала, 1988. –С. 66-83.
4. Гамзатова Д.П. Иран в период свержения власти и распада державы Сефевидов// Омский научный вестник.-№3 (55). -2007.-С.10-12.
5. M.de, Relation de Dourry Effendi, Paris, 1810, P.51.
6. Миклухо -Маклай Н. Д. Афганское нашествие в Иране (канд. диссер). - Ташкент, 1945. – 232 с.
7. Fraser James. The history of Nadir shah, formerly called Thamas Kulikhan, - London, 1742. – 234 pp.
8. Синха Н.К., Банерджи А.Ч., История Индии. – М., 1954. – 442 с.
9. Sheikh Hasin. The Life of Sheikh Mohammed Ali Hasin. written by himself. Under editorship of F.S. Beljour. Persian text. With an English translation, - London, 1830-1831. – 309 с.
10. Мирзо Маҳдихони Астарободӣ. Ҷаҳонгушои Нодирӣ. / Бо эҳтимоми Саид Абдуллоҳ Анвор. –Теҳрон, 1377ҳ. – 868 с.
11. Муҳаммад Козими Марвӣ. Оламорои Нодирӣ. Бо тасҳеҳи доктор Муҳаммад Амин Риёҳӣ. - Теҳрон, 1364 ҳ. - 1800 с.

**Reference Literature:**

1. Arunova, M.R., Ashrafyan K.Z. State of Nodirshah Afshar. Essays of Social Relationships in Iran during the 30-ies - the 40-ies years of the XVIII-th century. – M., 1958. – 283 pp.
2. Bartold V.V. The Place of Caspian Areas in the History of Muslims` World //Compositions. M., 1963. V.2. P.1. – pp. 651 – 772.
3. Gajiyev B.G. Petersburg Agreement of 1723. // Russian-Dagestanian Mutual Relations in the XVth – the Beginning of the XX-th Centuries. Thematic articles. – Makhachkala, 1988. – pp. 66 – 83.
4. Gamzatova D.P. Iran in the Period of Power Overthrow and Decline of Sefevids Power //Omsk Scientific Bulletin. - # 3 (55). – 2007. – pp. 10 – 12.
5. M.de, Relation de Dourry Effendi, Paris, 1810, p-51.
6. Miklukho-Maklay N.D. Afghan Invasion in Iran. (Synopsis of candidate dissertation in history), - Tashkent, 1945. – 232 pp.
7. Fraser James. The History of Nadir Shah, formerly Called Thamas Kulikhan, - London. - 1742. – 234 pp.
8. Sinkha N.K., Banerdji A. Ch. History of India. – M., 1954.- 442 pp.
9. Sheikh Hasin. The Life of Sheikh Mohammed Ali Hasin. Written by himself. Under the editorship of F.S. Beljour. Persian text. With an English translation, -London, 1830-1831. – 309 pp.
10. Mirzo Makhdikhoni Astarobodi. Jahonkushoi Nodiri. / under the editorship of Said Abdulloh Anvar. – Tehran. 1377 hijra. – 868 pp.
11. Muhammad Kozimi Marvi. World-Inventor Nodiri. / under the editorship of Muhammad Amin Riyohi. – Tehran, 1364 hijra. – 1800 pp.